«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон
н.и.и., дотсент Абдуалимзода Ҳ.А.
______________
аз «02» 05 2023с.

# НУСХА АЗ СУРАТҶАЛАСАИ № 8
## ҷаласаи васеи шурои олимони факултети иқтисод ва бизнеси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

аз «29» 04 соли 2023 ш. Душанбе

**Раиси ҷаласа:** н.и.п., дотсент Сатторзода Б.А.
**Котиб**: н.и.и., Шодиев Ф.Т.

**Иштирок доштанд**: д.и.и., профессор Давлатзода Қ.Қ., д.и.и., профессор Фақеров Ҳ.Н., д.и.и., профессор Қудратов Р.Р., д.и.и., профессор Мирсаидов С.А., д.и.и., профессор Кошонова М.Р., д.и.и., профессор Хоҷаев П.К., н.и.и., дотсент Сафаров Б.Г., н.и.и., дотсент Қодиров Ф.А., н.и.и., дотсент Тағоев Ҷ.Ҳ., н.и.п., дотсент Сатторзода Б.А., н.и.и., дотсент Нуридинов С.З., н.и.и., дотсент Шукуров С.М., н.и.и., Ҳусайнов М.С., н.и.и. Шодиев Ф.Т., н.и.и., дотсент Урунбоева Н.А., н.и.и., дотсент Ҷумабоев Х.Қ., н.и.и., дотсент Хоҷазода Д.Қ., н.и.и., дотсент Убайдуллоев Ф., н.и.и., дотсент Шодиев К.Қ., н.и.и, дотсент Мирзоева Е.Ш., н.н.и., дотсент Ҳомидов А.У., н.и.и., дотсент Тағоева Р.Г., н.и.и., дотсент Шералиев Э.Н., муаллимони калон: Бобоқулов А.Ҳ, Исайнова М.Ҳ., ассистентон: Баротов А.Х., Сафаров Н.И., Абдурозиқов Х.Р., Давлатов Б.Ш.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

Муҳокимаи диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории ДДМИТ Халифазода Ҷовидон Бобохон дар мавзуи «Арзёбии самаранокии кластерҳои агросаноатӣ дар минтақа (дар мисоли кластерҳои пахтаи минтақаи Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод карда шудааст.

**Шунида шуд:** Баромади унвонҷӯи кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории ДДМИТ Халифазода Ҷовидон Бобохон оид ба муҳтавои асосии натиҷаҳои таҳқиқоти ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар мавзуи «Арзёбии самаранокии кластерҳои агросаноатӣ дар минтақа (дар мисоли кластерҳои пахтаи минтақаи Хатлон)».

Дар ҷараёни маҷлис аз ҷониби иштирокчиён д.и.и., профессор Хоҷаев П.К., н.и.и., дотсент Сафаров Б.Г., н.и.и., дотсент Ҷумабоев Х.Қ., н.и.и., дотсент Ҳомидов А.У., н.и.и., дотсент Урунбоева Н.А., н.и.и., дотсент Тағоева Р.Г.,

н.и.и., дотсент Шукуров С.М., н.и.и., Ҳусайнов М.С. ба унвонҷӯ саволҳо дода шуд, ки ба саволҳои онҳо Халифазода Ҷовидон Бобохон ҷавобҳои мукаммал дод.

**Баромад карданд:** Муқаррризи холис - н.и.и., дотсент Қодиров Ф.А. Ӯ аз ҷумла қайд кард, ки унвонҷӯ ҳангоми таҳқиқоти илмӣ аз асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқоти илмии олимони ватанию хориҷии соҳа оид ба масъалаҳои ташаккули кластерҳои пахтаро васеъ истифода намудааст. Қайд кардан зарур аст, ки диссертатсия сохтори мантиқии хуб дошта, мақсад ва вазифаҳо дуруст тарҳрезӣ шудаанд, инчунин, пешниҳоду таклифҳои муаллиф илман асоснок таҳия гардидаанд. Ҳамаи эрод ва пешниҳодҳо дар тақриз ба таври амиқ оварда шудаанд.

Муқарризи холис - н.и.и., дотсент Тағоев Ҷ.Ҳ. “Мавзуи таҳқиқоти диссертатсияи Халифазода Ҷовидон Бобохон бисёр актуалӣ барои рушди иқтисодиёти минтақаҳои кишвар ба ҳисоб рафта, он дар амалигардонии ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 хизмат хоҳад намуд. Амалигардии муносибатҳои кластерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан дар вилояти Хатлон қобили қабул аст ва дар маҷмуъ, метавонад рушди иқтисодиёти минтақаро ба зинаи нави тараққиёт барорад. Зеро минтақаи номбурда аз ҳисоби ҳудуд, шароитҳои табиии иқлимӣ ва захираҳои меҳнатӣ яке аз минтақаҳои мусоид барои истеҳсоли пахта, ашёи хом барои саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар асоси гуфтаҳои боло, мо чунин меҳисобем, ки диссертатсияи Халифазода Ҷовидон Бобохон ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, онро пас аз ислоҳи эроду камбудиҳо барои муҳокимаи навбатӣ тавсия додан мумкин аст”.

**Муҳокима**: д.и.и., профессор Фақеров Ҳ.Н., д.и.и., профессор Кудратов Р.Р., д.и.и., профессор Мирсаидов С.А., н.и.и., дотсент Сафаров Б.Г., н.и.и., дотсент Ҷумабоев Х.Қ., н.и.и., дотсент Ҳомидов А.У., баромад намуда, қайд карданд, ки мавзуи илмии баррасинамудаи унвонҷӯи кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории ДДМИТ Халифазода Ҷовидон Бобохон ба талаботи шароити имрӯзаи иқтисодиёти мамлакат ва дурнамои инкишофи он ҷавобгӯ буда, мавзуи актуалӣ ба ҳисоб меравад. Дар маҷмуъ, диссертатсия дар мавзуи «Арзёбии самаранокии кластерҳои агросаноатӣ дар минтақа (дар мисоли кластерҳои пахтаи минтақаи Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба талабот ҷавобгӯ буда, ба зинаҳои минбаъдаи ҳимоя тавсия карда мешавад.

**Қарор қабул карда шуд:**

1. Диссертатсияи Халифазода Ҷ.Б. дар мавзуи «Арзёбии самаранокии кластерҳои агросаноатӣ дар минтақа (дар мисоли кластерҳои пахтаи минтақаи Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод гардидааст, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

2. Автореферати диссертатсия муҳтавои таҳқиқоти Халифазода Ҷовидон Бобохонро инъикос мекунад.

3. Интишороти довталаби дараҷаи илмӣ мазмун ва муҳтавои асосии диссертатсияи анҷомёфтаро дарҷ мекунад.

4. Диссертатсияи Халифазода Ҷ.Б. дар мавзуи «Арзёбии самаранокии кластерҳои агросаноатӣ дар минтақа (дар мисоли кластерҳои пахтаи минтақаи Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ барои баррасӣ ва ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди ДДМИТ пешниҳод карда шавад;

5. Назорати қарори мазкур ба зиммаи раиси шурои олимон, декани факултет вогузор карда шавад.

Қарори мазкур дар ҷаласаи васеи ғайринавбатии Шурои олимони факултети иқтисод ва бизнеси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз «29» 04 соли 2023, суратмаҷлиси №8 қабул гардидааст.

Натиҷаи овоздиҳӣ: Тарафдор - 13; Муқобил - нест; Бетараф - нест.

Раиси шурои олимони факултети
иқтисод ва бизнеси ДДМИТ
н.и.п., дотсент — Сатторзода Б.А.

Котиби илмии шурои олимони
факултети иқтисод ва бизнеси ДДМИТ
н.и.и. — Шодиев Ф.Т.

Муқарриз:
н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисоди
корхонаҳо ва соҳибкории ДДМИТ — Қодиров Ф.А.

Муқарриз:
н.и.и., дотсент, мудири кафедраи
иқтисод ва идораи КАС-и ДМТ — Тағоев Ҷ.Ҳ.

Имзоҳои Сатторзода Б.А., Шодиев Ф.Т., Қодиров Ф.А.- ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДМИТ — Шарипов У.А.
«02» 05 2023 с.

Имзои Тағоев Ҷ.Ҳ.- ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ — Тавқиев Э.Ш.
«02» 05 2023 с.